**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№16**

**аз 2 октябри соли 2003** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 19 марти соли 2009 №6 ва аз 23 ноябри соли 2012, №26 ворид карда шудаанд)***

Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи кӯдаконро ба зиндагӣ ва тарбия ёфтан дар оила, донистани падару модари худ ва ҳамзистӣ бо онҳо муқаррар намудааст. Бо мақсади таъмини пурраи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун муқарраршудаи ноболиғон ҳангоми баррасии баҳсҳои вобаста бо тарбияи кӯдакон, инчунин дуруст ва якхела татбиқ намудани меъёрҳои Кодекси Оилаи (минбаъд КО) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва қонунгузорие, ки муносибатҳои ҳуқуқии зикршударо танзим менамояд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р   К А Р Д:**

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шавад:

1.Ҳангоми баррасии парвандаҳои вобаста ба тарбияи фарзандон суд, судяҳо талаботи моддаҳои 7-9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд ба танзим медарорад, ба инобат гиранд.

Ба баҳсҳои вобаста бо тарбияи фарзандон дохил мешаванд: баҳсҳои оиди муайян кардани ҷои истиқомати кӯдакон дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани падару модар (қисми 4 моддаи 65 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди татбиқ намудани ҳуқуқҳои падарию модарӣ аз ҷониби падар ё модаре, ки аз фарзандаш ҷудо зиндагӣ мекунад (қисми 2 моддаи 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди бартараф намудани монеа барои муоширати хешовандони наздик бо кӯдак (қисми 3 моддаи 67 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди ба падару модар баргардонидани фарзандоне, ки бе асоси қонунӣ ё ҳалномаи суд нигоҳ дошта мешаванд (қисми 1 моддаи 68 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ (моддаи 69 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ (моддаи 72 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди маҳдуд кардани ҳуқуқи падару модарӣ (моддаи 73 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди бекор кардани маҳдудияти ҳуқуқи падару модарӣ (моддаи 76 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон); оиди ба васӣ ва парастор баргардонидани кӯдаки дар таҳти васояташон (парасториашон) буда аз ҳар гуна шахсоне, ки бе асоси қонунӣ кӯдакро дар назди худ нигоҳ медоранд (қисми 2 моддаи 155 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигарҳо.

2. Ҳангоми омодасозии чунин парванда ба муҳокимаи судӣ лозим аст ҳолатҳоеро, ки барои ҳал намудани баҳси ба вуҷудомада ва аз ҷониби тарафҳо исбот кардашаванда, аҳамият доранд, дуруст муайян намуда, ба он ҳолатҳое, ки сифатҳои шахсии падару модар ё дигар шахси кӯдакро тарбиякунанда, инчунин муносибатҳои ба миён омадаи ин шахсонро бо кӯдак тавсиф мекунанд, диққати махсус зоҳир намояд. Чунин парвандаҳо барои ҳаллу фасл дар мурофиаи судӣ танҳо пас

аз гирифтани санади санҷишии бо тартиби муқараршуда тартибдодашуда ва тасдиқнамудаи мақомоти васояту парасторӣ доир ба шароити зиндагии шахсоне, ки даъвои ба тарбия гирифтани кӯдакро доранд, таъин карда мешаванд.

3. Ҳангоми дар суд баррасӣ намудани парвандаҳои вобаста бо тарбияи кӯдакон бояд дар назар дошт, ки мувофиқи моддаи 49 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 78 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз он, ки даъвои ҳимояи ҳифзи манфиатҳои кӯдакро кӣ пешниҳод кардааст, мақомоти васояту парасторӣ бояд ҷиҳати иштирок дар баррасии парванда ҷалб карда шавад, ки он вазифадор аст шароити зиндагии кӯдак ва шахсонеро, ки даъвои тарбия кардани ӯро доранд бисанҷанд ва ҳамчунин ба суд санади санҷиш ва хулосаи бо он асосёфтаро доир ба моҳияти баҳс, ки ба он дар якҷоягӣ бо ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда оиди парванда баҳо дода мешавад, пешниҳод намояд. Хулосаи мақомоти васояту парасторӣ, қисми 2 моддаи 122 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд аз ҷониби сардори мақомоти худидораи маҳаллӣ ё шахси мансабдори ба ин ваколатдори шӯъбаи худидораи маҳаллӣ, ки вазифаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон ба зиммааш вогузор шудааст, имзо шуда бошад.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои мазкур прокурор иштирок намуда, бо мақсади амалӣ намудани ваколатҳои ба ӯ вогузошташуда, хулоса медиҳад. Ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақту маҳалли баррасии парванда ба таври дахлдор огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеъ шуда наметавонад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи талаботи сархати 1 банди 4 моддаи 221 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар асоси аризаи иштирокчиёни парванда ё бо ташаббуси худ дар ҳолати таъин намудани санҷиши шароити истиқомат аз ҷониби мақомоти васӣ ва парастор оид ба парвандаҳои фарзандхондӣ ва дигар парвандаҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон дахл доранд баррасии парвандаро то гирифтани санади мақомоти васӣ ва парасторӣ боздоранд. Пас аз бартараф намудани ҳолати номбурда баррасии парванда аз нав оғоз карда мешавад.

4. Ҳангоми баровардани ҳалнома оиди бекор намудани ақди никоҳи падару модаре, ки фарзандони ноболиғи муштарак доранд, бо назардошти қисми 2 моддаи 24 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд бояд барои ҳифзи манфиатҳои фарзандони ноболиғ, новобаста аз он, ки оиди фарзандон баҳс оғоз шудааст, чораҳо андешад. Бо ин мақсад бояд ба тарафҳо фаҳмонда шавад, ки падар ё модаре, ки алоҳида зиндагӣ мекунад, ҳуқуқ дорад ва вазифадор аст, ки дар тарбияи кӯдак иштирок намояд ва падар ё модаре, ки ноболиғ бо ӯ зиндагӣ мекунад, ҳақ надорад, ки барои ин монеъ гардад. Дар қисми хулосавии ҳалнома вазифадор аст ҳуқуқ ва ӯҳдадории падар ё модаре, ки аз кӯдак ҷудо зиндагӣ мекунад, оиди иштироки ӯ дар тарбияи кӯдак пас аз бекор шудани никоҳ низ дарҷ ёфта ва муайян карда шавад, ки фарзандони ноболиғ пас аз бекор кардани никоҳ бо кадоме аз падару модар зиндагӣ мекунанд.

5. Масъалаи ҷои истиқомати кӯдаки ноболиғро дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани падару модар (новобаста аз он, ки дар қайди никоҳ ҳастанд ё не) ҳаллу фасл намуда, бояд дар назар дошт, ки ҷои истиқомати кӯдак дар асоси манфиатҳои ӯ, ҳамчунин бо назардошти фикру хоҳиши ҳатмии кӯдаки ба синни даҳсолагӣ расида муқаррар карда шавад, бо шарте ки ин бархилофи манфиатҳои ӯ набошад (қисми 4 моддаи 65, моддаи 57 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Зимнан суд синну соли кӯдак, дилбастагии ӯро нисбат ба падар ё модар, бародару хоҳарон ва дигар аъзоёни оила, сифатҳои маънавӣ ва дигар сифатҳои хосаи падару модар, муносибате, ки байни падар ва модар ва кӯдак мавҷуд аст, имконоти барои кӯдак фароҳам овардани шароити тарбия ва рушду камоли кӯдак (бо ба ҳисоб гирифтани навъи фаъолият ва низоми кории падару модар, вазъи оилавӣ ва моддии онҳо), бо назардошти он, ки бартарии ҳолати моддию-маънавии яке аз падару модар худ ба худ барои қонеъ намудани талаби чунин падар ё модар асоси қатъӣ шуда наметавонад, ҳамчунин дигар ҳолатҳоеро, ки вазъияти дар ҷои истиқомати ҳар кадоме аз падару модар ба вуҷуд омадаро муайян менамоянд, ба инобат мегирад.

6. Тибқи қонун падару модар дар тарбияи фарзандони худ нисбат ба шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доранд (қисми 1 моддаи 63 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва метавонанд кӯдакро аз ҳар шахсе, ки бе асоси қонунӣ ё ҳалномаи суд онро дар наздаш нигоҳ медорад, талаб намоянд (қисми 1 моддаи 68 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар баробари ин, суд ҳуқуқ дорад бо назардошти фикру хоҳиши кӯдак даъвои падар ё модарро рад кунад, агар ба хулосае ояд, ки ба падар ё модар

додани кӯдак ба манфиатҳои ноболиғ мухолифат менамояд (банди 2 қисми 1 моддаи 68 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳангоми баррасии чунин парвандаҳо суд имконияти ҳақиқии падар ё модарро оид ба таъмини тарбияи сазовори кӯдак, хусусияти муносибатҳои байни падар ё модар ва кӯдак баамаломада, дилбастагии кӯдак ба шахсоне, ки кӯдак дар назди онҳо мебошад ва дигар ҳолатҳои мушаххасро, ки барои зиндагӣ ва тарбияи мӯътадили кӯдак аз ҷониби падар ё модар ва инчунин шахсоне, ки ноболиғ амалан дар назди онҳо зиндагӣ мекунад ва тарбия мегирад, шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ба назар мегирад.

Агар дар рафти мурофиаи судӣ муқаррар карда шавад, ки на падару модар, на шахсоне, ки кӯдак дар наздашон мебошад, барои таъмини тарбия ва рушду камоли сазовори ӯ қодир нестанд, суд қонеъ намудани даъворо рад намуда, ноболиғро ба мақомоти васояту парасторӣ месупорад, то ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак чораҳо андешида шуда, воситаи мақбултари дуруст намудани тақдири минбаъдаи кӯдак интихоб карда шавад (қисми 2 моддаи 68 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

7. Ҳангоми баррасии даъвои падару модар оиди ба онҳо додани фарзандон аз шахсоне, ки кӯдакон бо асоси қонунӣ ё ҳалномаи суд (васиён, парасторон, муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ба ин монанд муасисиаҳо) дар наздашон мебошанд, бояд муайян карда шавад, ки оё ҳолатҳое, ки то вақти баррасии баҳс барои ба шахсон ва муассисаҳои зикргардида додани кӯдак асос шуда буданд, тағйир ёфтаанд ва оё ба падару модар баргардонидани фарзандон ба манфиатҳои онҳо ҷавобгӯ мебошад.

8. Мувофиқи қисми 2 моддаи 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар ҳуқуқ доранд дар хусуси тартиби татбиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби падар ё модаре, ки ҷудо зиндагӣ мекунад, созишномаи хаттӣ банданд. Агар падару модар мувофиқа карда натавонанд, баҳсро суд бо талаби падару модаре ё яке аз онҳо бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ ҳал менамояд.

Бо назардошти, он ки падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ карда барои муошират бо кӯдак ҳуқуқ дорад, инчунин зарурияти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғ ҳангоми муошират бо ин падар ё модар, ба суд лозим аст бо ба ҳисоб гирифтани ҳар як ҳолати мушаххаси парванда тартиби чунин муоширатро (вақт, ҷой, давомнокии муошират ва ғайраро) муайян намуда, онро дар қисми хулосавии ҳалнома нишон диҳад.

Ҳангоми муайян намудани тартиби муошırати падар ё модар бо кӯдак синну соли кӯдак, вазъи саломатии ӯ, дилбастагӣ ба ҳар яке аз падару модар ва дигар ҳолатҳое, ки ба саломатии ҷисмонию рӯҳии кӯдак ва рушду камоли ахлоқии ӯ таъсир мерасонанд, ба назар гирифта мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки муошırати кӯдак бо падар ё модаре, ки ҷудо зиндагӣ мекунад, метавонад ба кӯдак зарар расонад, суд вобаста аз талаботи моддаи 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки татбиқ намудани ҳуқуқи падару модариро бар зиёни саломатии ҷисмонию рӯҳии фарзандон ва рушду камоли ахлоқии онҳо иҷозат намедиҳад, ҳуқуқ дорад қонеъ намудани даъвои ин падар ё модарро оиди муайян намудани тартиби иштироки ӯ дар тарбияи кӯдак рад намояд ва сабаби онро дар ҳалномаи қабулкардааш нишон диҳад.

Даъво оиди рафъи монеа ба падару модаре, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда нашудаанд, ҷиҳати иштирок дар тарбияи фарзандоне, ки дар асоси қонун ё ҳалнома дар назди шахсони дигар мебошанд, низ бояд ҳамин тавр ҳал карда шавад.

Суд тартиби дар тарбияи кӯдак иштирок намудани падар ё модареро, ки ҷудо зиндагӣ мекунад, муайян намуда, падар ё модари дигарро оиди ба амал омадани оқибатҳои иҷро накардани ҳалномаи суд огоҳ мекунад (қисми 3 моддаи 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ҳамчун барқасдона иҷро накардани ҳалномаи суд, ки барои қонеъ намудани талаби падар ё модари ҷудо зиндагӣ карда истода оиди ба ӯ додани ноболиғ асос мегардад, аз ҷониби ҷавобгар иҷро накардани ҳалнома ё монеа шудан барои иҷроиши он, ба он нигоҳ накарда, ки нисбати падар ё модари гунаҳкор чораҳои бо қонун пешбинишуда андешида шудааст, дониста шуданаш мумкин аст.

9. Доираи шахсоне, ки аз рӯи аризаи онҳо судҳо парвандаҳои оид ба маҳрум намудан аз ҳуқуқи падару модариро баррасӣ мекунанд, дар қисми 1 модддаи 70 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон

муайян карда шудааст. Ба онҳо дохил мешаванд: яке аз падару модар, новобаста аз он ки ӯ бо кӯдак якҷоя зиндагӣ мекунад ё не; шахсони падару модарро ивазкунанда; фарзандхонкардагон, васиён, парасторон, прокурор, мақомоту муассисаҳое, ки вазифаи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакони ноболиғ ба зимаашон гузошта шудааст (мақомоти васояту парасторӣ, комиссияҳои оид ба корҳои ноболиғон, муассисаҳо барои кудакони ятим ва кӯдакони аз ғамхории падару модар маҳруммонда: хонаи кӯдакон, мактаб-интернатҳо, ятимхонаҳо, хонаи маъюбон, марказҳои барқароркунӣ-иҷтимоӣ барои ноболиғон, марказҳои кӯмак ба кӯдакони аз ғамхории падару модар маҳруммонда; марказҳои ҳудудии кӯмаки иҷтимоӣ ба оила ва кӯдакон, ятимхонаҳо барои кӯдакони наврас, интернатҳо барои кӯдаконе, ки норасоиҳои ҷисмонӣ доранд ва ғайра).

10. Ҳангоми омодасозии парванда ба мӯҳокимаи судӣ оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарии яке аз падару модар, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки ноболиғ ва таъмин намудани шароити мусоид барои тарбияи минбаъдаи он, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқҳои падар ё модаре, ки бо кӯдак якҷоя зиндагӣ намекунад, судя бояд дар ҳар як ҳолати алоҳида ин падар ё модарро аз вақт ва ҷои мурофиаи судӣ огоҳ намуда, фаҳмонад, ки оиди барои тарбияи ӯ додани кӯдак даъво намудан ҳуқуқ дорад.

11.Танҳо дар сурати рафтори гунаҳкоронаи падару модар бо асосҳои дар моддаи 69 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида онҳоро аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардан мумкин аст.

Саркашӣ намудани падару модар аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ оиди тарбияи кӯдакон мумкин аст дар ғамхорӣ накардан ба рушду камоли ҷисмонӣ ва ахлоқӣ, хониш, тайёр намудани онҳо ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ зоҳир гардад.

Тахти сӯиистифода намудан аз ҳуқуқҳои парарию модарӣ бояд истифодаи ин ҳуқуқҳо бар зиёни манфиатҳои фарзандон, масалан монеа шудан ба хониш, майл намудан ба гадоӣ, дуздӣ, фоҳишагӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ё анвои нашъадор ва ғайраҳо, фаҳмида шавад.

Муносибатҳои бераҳмона бо фарзандон, на танҳо аз ҷониби падару модар нисбати онҳо ба амал баровардани зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, ё ин ки сӯиқасд ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо, балки инчунин дар истифодаи воситаҳои нораво дар тарбия (муносибати дағалонаву беэҳтиромона бо фарзандон; таҳқир ё истисмори фарзандон) ифода гардиданаш мумкин аст.

Майзадаи ашаддӣ ё гирифтори бемории нашъамандӣ будани падару модар бояд бо хулосаи дахлдори тиббӣ тасдиқ шуда бошанд. Бо ин асос маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ, новобаста аз қобилияти амалкунӣ маҳдуд эътироф гардидани ҷавобгар, ба амал бароварда шуданаш мумкин аст.

12. Тибқи моддаҳои 69, 73 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда намешаванд, ки ӯҳдадориҳои падару модарии худро дар натиҷаи ҳолатҳои вазнини ба амаломада ва дигар сабабҳои аз онҳо новобаста (масалан: бар асари ноқисии рӯҳи ё дигар бемории кӯҳна, ба истиснои шахсоне, ки гирифтори майзадагӣ ё нашъамандии ашаддӣ мебошанд) ба амал бароварда натавонистаанд. Дар ҳолатҳои зикршуда ва инчунин агар дар вақти баррасии парванда барои маҳрум кардани падару модар (яке аз онҳо) аз ҳуқуқи падару модарӣ асосҳои кофӣ муқаррар карда шавад, суд метавонад оиди гирифтани кӯдак ва ба парастории мақомоти васояту парсаторӣ супоридани ӯ ҳалнома барорад, ба шарте ки бо падару модар гузоштани кӯдак барои кӯдак хатарнок бошад (қисми 2 модддаи 73 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Масъалаи аз фарзандхондкардагон гирифтани кӯдак низ ба ҳамин монанд ҳал карда шуданаш мумкин аст, агар асоси бо қонун (моддаи 141 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) муқарраршуда барои бекор намудани фарзандхондӣ мавҷуд набошад.

Ҳангоми баррасии парванда оиди маҳдуд кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ ба суд лозим аст, ки масъалаи барои кӯдак аз падару модар (яке аз онҳо) ситонидани алиментро низ ҳал кунад.

13. Судяҳо бояд ба назар гиранд, ки маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ чораи охирин мебошад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, дар сурати исбот намудани рафтори гунаҳкоронаи яке аз падару модар, суд бо назардошти хусусияти рафтор, шахсият ва дигар ҳолатҳои мушаххас ҳуқуқ дорад даъворо оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ рад кунад ва ҷавобгарро огоҳ намояд, ки муносибати худро нисбати тарбияи кӯдак тағйир диҳад ва назорат бурданро барои иҷро намудани ӯҳдадориҳои падару модариаш ба мақомоти васояту парасторӣ вогузор намояд.

Даъво оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модариро рад намуда, дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои дар боло зикршуда, суд ҳуқуқ дорад мувофиқи моддаи 73 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин масъалаи аз падару модар гирифтани кӯдак ва ба мақомоти васояту парасторӣ супоридани ӯро низ ҳал намояд, агар инро манфиатҳои кӯдак талаб намоянд.

14. Баровардани ҳалнома оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ на танҳо боиси гум кардани он ҳуқуқҳое, ки падару модар (яке аз онҳо) то ба балоғат расидани фарзандон доштанд, балки инчунин боиси гум кардани дигар ҳуқуқҳое, ки аз хешу таборӣ бо кӯдак асос ёфтаанду чӣ аз муносибатҳои оилавӣ ва чӣ аз дигар муносибатҳо низ бармеоянд, мегардад.

Ба онҳо аз  ҷумла, чунин ҳуқуқҳо дохил мешаванд: барои тарбияи фарзандон (моддаи 61, 62, 63, 66 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои ҳифз ва манфиатҳои онҳо (моддаи 64 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои талаб намудани фарзандон аз дигар шахсон (моддаи 68 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои розигӣ додан ё ин, ки рад намудани ризоияти ба фарзандхондӣ додани кӯдак (моддаи 129 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои розигӣ додан оиди аз ҷониби фарзандон дар синни аз чордаҳ то ҳаждаҳсолагӣ анҷом додани аҳдҳо (қисми 1 моддаи 27 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба истиснои аҳдҳое, ки дар қисми 2 моддаи 27 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд, барои дархостнома оиди кӯдакро дар синни аз чордаҳ  то ҳаждаҳсолагиаш маҳдуд ё маҳрум кардан дар мустақилона ихтиёрдорӣ намудани даромади худ, стипендия ва дигар даромадҳо (қисми 4 моддаи 27 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои розигӣ додан ба эмансипатсияи ноболиғ (қисми 1 моддаи 28 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои пардохти алимент аз фарзандони болиғ (моддаи 88 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), барои таъминоти нафақа пас аз вафоти фарзандон, барои мерос аз рӯи қонун (моддаи 526 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон).

15. Бо назардошти он ки шахси аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумгардида ҳуқуқи гирифтани нафақаи барои кӯдакон таъингардида, ёрдампулӣ, дигар маблағҳо, инчунин алименти  барои кӯдак пардохташавандаро гум мекунад (қисми 1 моддаи 71 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба суд лозим аст, ки пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани ҳалнома оиди маҳум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ нусхаи онро ба мақомоте, ки пардохтпулиҳои  дар боло зикр шударо ба амал мебароранд, ё ба суде, ки аз рӯи маҳалли тобеият дар ин хусус ҳалнома баровардааст барои ҳал намудани масъалаи гузаронидани ин пардохтпулиҳоро ба суратҳисоби муассисаҳои таълимӣ ё шахсе, ки барои тарбия ба ӯ супорида шудааст, фиристонад.

16. Дар сурати вазифаҳояшро ғайриқаноатбахш иҷро кардани васӣ (парастор), аз ҷумла дар ҳолати васоят ё парасториро бо мақсади ғаразнок истифода кардани ӯ ё шахси таҳти васоятро (парасториро) бе назорат ва бе кӯмаки лозима гузоштанаш, мумкин аст шахсони зикргардида аз иҷрои вазифаҳои васигӣ (парасторӣ) барканор карда шаванд, на ин ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шаванд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 40 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ ҳал карда мешавад. Агар шахси аз вазифаҳои васигӣ (парасторӣ) барканоркардашуда додани кӯдакро ба мақомоти васояту парасторӣ рад кунад, он гоҳ охирин метавонад бо даъвои гирифтани кӯдак ба суд муроҷиат намояд.

17. Азбаски мувофиқи қисми 2 моддаи 71 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум кардан падар ё модарро аз вазифаи таъмин кардани фарзандашон озод намекунад, мувофиқи қисми 3 моддаи 70 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии парванда дар хусуси маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ суд масъалаи барои кӯдак ситонидани алиментро, новобаста аз он ки чунин даъво пешниҳод карда шудааст ё не, низ ҳал мекунад.

Дар мавриди яке аз падару модарро аз ҳуқуқи падару мадарӣ маҳрум кардан ва кӯдакро барои тарбия намудан ба падару модари дигар, васӣ ё парастор додан, мувофиқи моддаҳои 81-83, қисми 1 моддаи 84 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фоидаи ин шахсон алимент ситонида мешавад. Агар фарзандон то ҳал намудани масъалаи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ аллакай дар муассисаҳои кӯдакона ҷойгир карда шуда бошанд, алименти аз падару модарро аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумгардида ба ҳисобномаҳои  ин муассисаҳо гузаронида шуда, он дар муассисаҳои мазкур доир ба ҳар як кӯдак таври алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад (қисми 2 моддаи 84 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҳангоми аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудани ҳар дуи падару модар ё ин ки яке аз онҳо, вақте ба падар ё модар додани кӯдак  имконнопазир бошад, алимент на ба мақомоти васояту

парасторӣ, ки дар чунин ҳолатҳо кӯдак ба онҳо супорида мешавад (қисми 5 моддаи 71 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон), балки ба ҳисоби шахсии кӯдак дар шӯъбаи бонки Амонатгузорӣ гузаронида мешавад.

Дар сурати кӯдакро ба муассисаи таълимӣ, васоят (парасторӣ) ё барои тарбия ба оилаи кӯдакро қабулнамуда супоридан, масъалаи гузаронидани алименти ситонидашавандаро ба муассисаҳо ва шахсоне, ки кӯдак ба онҳо супорида шудааст, аз рӯи аризаи онҳо бо тартиби бо моддаи 207 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳал кардан мумкин аст.

18. Дар ҳалномаи суд оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ бояд нишон дода шавад, ки кӯдак барои тарбия ба кӣ супорида мешавад: ба кадоме аз падару модар, мақомоти васояту парасторӣ ё васӣ (парастор), агар он аллакай бо тартиби муқарраршуда таъин шуда бошад.

Ҳангоми ғайриимкон будани супоридани кӯдак ба кадоме аз падару модар ё дар сурати аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум гардидани ҳар дуи падару модар, вақте ки ҳоло васӣ (парастор) таъин карда нашудааст, аз ҷониби суд кӯдак ба парастории мақомоти васояту парасторӣ супорида мешавад.

Дар ин ҳолат бояд дар назар дошт, ки ба хешовандон ва дигар шахсон барои тарбия супоридани кӯдак танҳо дар сурате роҳ дода мешавад, агар ин шахсон васӣ ё парастори вай таъин шуда бошанд.

Ҳангоми ба парастории мақомоти васояту парасторӣ супоридани кӯдак (қисми 5 моддаи 71, моддаи 122 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба суд ҳал кардани масъалаи чӣ тавр аз тарафи ин мақомот муайян кардани тақдири кӯдак (ба муассисаи таълимӣ, мактаб-интернат ҷойгир намудан, таъин намудани васӣ  ва ғайра) зарурат надорад, чунки интихоби воситаи ҷойгир намудани кӯдакон ба салоҳияти мақомоти дар боло зикргардида дохил мешавад.

Иқтибос аз ҳалномаи суд оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ пас аз ба қувваи қонунӣ даромаданаш аз ҷониби суд бояд ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба маҳалли бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак фиристонида шавад.

19. Мувофиқи қисми 2 моддаи 72 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ аз ҷониби суд дар асоси аризаи падар ё модари аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрумгардида ҳал карда мешавад. Чунин даъво нисбати яке аз падару модар ё ин ки васӣ (парастор) ё муассисаи таълимӣ, вобаста ба он ин кӣ кӯдак дар парастории кадоме аз онҳо қарор дорад, пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми баррасии талаботи барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ вобаста ба қисми 1 моддаи 72 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон суд месанҷад, ки оё рафтору кирдор, тарзи зиндагонии падару модаре, ки аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд, муносибати онҳо нисбат ба тарбияи кӯдак тағйир ёфтааст ё не. Дар ин ҳолат бояд ба назар гирифта шавад, ки суд ҳуқуқ дорад даъворо рад кунад, ҳатто агар падару модар рафтори худро тағйир дода, кӯдакро ба таври лозима тарбия карда метавониста бошаду вале кӯдак аллакай фарзандхонд карда шуда ва фарзандхондӣ бо тартиби муқарраргардида беэътибор дониста нашуда бошад, инчунин дар сурате, ки кӯдаки ба синни даҳсолагӣ расида ба ин зид мебошад, новобаста аз сабабҳое, ки кӯдак барои  барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ розӣ  нест (қисми 4 моддаи 72 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар як вақт бо даъвои барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ, даъвои шахси мазкур оиди ба ӯ додани кӯдак баррасӣ шуданаш мумкин аст.

Иқтибос аз ҳалномаи суд оиди барқарор намудани ҳуқуқи падару модарӣ пас аз ба қувваи қонунӣ даромаданаш аз ҷониби суд бояд ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба маҳалли бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдак фиристонида шавад.

20. Агар ҳангоми баррасии баҳси вобаста бо тарбияи фарзандон суд оиди дар мурофиаи судӣ пурсидани ноболиғ, бо мақсади муайян кардани фикри ӯ дар хусуси масъалаи баррасишаванда, ба хулоса ояд, дар ин ҳолат бояд фикри мақомоти васояту парасторӣ оиди он ки оё пурсиши кӯдак дар мурофиаи судӣ ба ӯ таъсири манфӣ мерасонад ё не, пешакӣ муайян карда шавад.

Пурсиш бояд бо назардошти синну сол ва рушду камоли кӯдак бо иштироки педагог, дар вазъияте, ки ба кӯдак таъсир расонидани шахсони манфиатдорро истисно менамояд, гузаронида шавад.

Ҳангоми пурсиши кӯдак суд бояд муайян намояд, ки оё фикри кӯдак бар асари ба ӯ таъсир расонидани кадоме аз падару модар ё шахсони дигари манфиатдор мебошад ё не, оё вай ҳангоми баён намудни ин фикраш манфиатҳои худро дарк менамояд ё не ва онро чӣ тавр асоснок менамояд ва дигар ҳолатҳои ба ин монандро суд бояд равшан созад.

21. Судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияҳои зикршуда бояд ба ҳолатҳои ошкоршудаи сари вақт аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи кӯдакон чора наандешидан, муносибати нодуруст бо ноболиғон аз тарафи кормандони муассисаҳои тарбиявии кӯдакона, мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ, инчунин падару модар шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо диққат бидиҳанд; судҳо бояд ба ин қонуншиканиҳо бо роҳи баровардани таъиноти хусусӣ ба унвони мақомот ва ташколотҳои дахлдор таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 15-16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандон нисбати падару модар, шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо ҷавобгарии граждание, маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Агар суд ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияҳои мазкур дар амалҳои падару модар, дигар шахсоне, ки кӯдак дар тарбияи онҳо мебошанд, аломатҳои ҷинояти сӯиқасд ба ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии ҷинсии ноболиғон ё ҳаракатҳои ба фаъолияти ҷинояткорӣ ҷалб намудани ноболиғонро ошкор намояд, бояд дар ин хусус прокурорро огоҳ созад ё ин ки парвандаи ҷиноятӣ оғоз кунад (қисми 4 моддаи 70 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар бобати ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар рафторҳои зиддиҷамъиятии ноболиғон бояд ба комиссияҳои оид ба корҳои ноболиғони мақомоти худидораи маҳаллӣ хабар дода шавад.

22. Дар ҳолатҳои зарурӣ мувофиқи моддаи 207 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳо бояд тартиби иҷроиши ҳалнома оиди парвандаҳои марбут ба гирифтани фарзандонро, бо назардошти татбиқ намудани чораҳое, ки ба гузаронидани кӯдак аз як шахс ба шахси дигар (масалан, ҷойгир намудан ба муассисаи таълимӣ) мусоидат менамояд, муайян намоянд.

23. Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе назоратро аз болои судҳои поёнӣ оиди дуруст баррасӣ намудани парвандаҳои категорияҳои зикршуда пурзӯр гардонида, таҷрибаи судиро мунтазам ҷамъбаст намоянд.

24. Бинобар қабул шудани қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995, №1 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ ҳангоми баррасии баҳсҳои марбут бо тарбияи кӯдакон» беэътибор дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** — **З.Н. Азизов**